Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «__» __ с. 20__,№__
тасдиқ шудааст

# Дастурамали №__ дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ

Дастурамали №__дар бораи тартиби муайян ва эълон кардани қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ (минбаъд – Дастурамал) мутобиқи қисми 4 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор» таҳия шуда, тартиби аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон муайян, тасдиқ ва эълон кардани қурби расмии асъори хориҷиро нисбат ба пули миллӣ - сомонӣ муқаррар менамояд.

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми давлатии танзими асъор қурби расмии асъори хориҷиро нисбат ба пули миллӣ - сомонӣ муайян менамояд ва он ҳамчун қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба сомонӣ (минбаъд - қурби расмӣ) эълон карда мешавад.

2. Қурби расмӣ бо истифода аз қоидаи «ҳисоби бевосита» (ифода кардани воҳиди асъори хориҷӣ бо пули миллӣ) ҳисоб карда мешавад.

3. Қурби расмӣ бо мақсади баҳисобгирӣ ва инъикоси маблағҳои асъорӣ бо сомонӣ дар ҳисоботи молиявию муҳосибии субъектҳои хоҷагидорӣ, ба сомонӣ бозгардонидани маблағи пардохтҳои ҳатмии давлатие, ки бо асъори хориҷӣ ифода ёфтаанд, ҳисобу таҳлили нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва натиҷаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, инчунин бо мақсадҳои дигари таҳлилӣ истифода мешавад.

4. Қурби расмӣ қурби харид ё фурӯш набуда, Бонки миллии Тоҷикистон уҳдадор нест бо ин қурб асъори хориҷиро харад ё фурӯшад.

5. Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади баррасии дастаҷамъонаи масъалаҳои вобаста ба сиёсати қурби асъор ва дарёфти ҳалли онҳо метавонад тибқи фармони раиси Бонки миллии Тоҷикистон гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис диҳад.

Қурби расмӣ аз ҷониби воҳиди сохтории ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон ё гурӯҳи кории байниидоравӣ муайян гардида, тавассути қурбномаҳое, ки онҳоро шахси масъули ин воҳиди сохторӣ имзо кардааст, тасдиқ ва эълон карда мешавад.

## 2. ТАРТИБИ ҲИСОБ КАРДАНИ ҚУРБИ РАСМӢ

6. Қурби расмии асъори хориҷие, ки номгӯи онҳо дар замимаи 1 ба Дастурамали мазкур оварда шудааст, ҳар рӯз, ба истисноси рӯзҳои истироҳат ва рӯзҳои иди ғайрикорӣ, барои рӯзи ояндаи тақвимӣ бо тартиби зерин муайян карда мешавад:

а) қурби расмии доллари ИМА дар асоси қурбҳои миёнавазни қарордодҳои хариду фурӯши он бо сомонӣ, ки аз соати 8:00 то соати 16:00 рӯзи кории ҷории тақвимӣ дар бозори байнибонкӣ (байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бо Бонки миллии Тоҷикистон) бо шарти ҳисоббаробаркунӣ дар давоми 2 рӯзи корӣ баста шудаанд ва қурбҳои миёнавазни амалиёти мубодилавии доллари ИМА бо сомонӣ дар бозори дохилибонкии асъор (байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва муштариёни онҳо тариқи ғайринақдӣ) анҷом дода, бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$ҚР = \frac{ҚҚ1 * ҲҚ1 + ҚҚ2 * ҲҚ2 + \cdots + ҚҚn * ҲҚn}{ҲҚ1 + ҲҚ2 + \cdots + ҲҚn}$$

Дар ин ҷо:

ҚР – қурби расмии доллари ИМА нисбат ба сомонӣ;

ҚҚ1, ҚҚ2,..., ҚҚn - қурби қарордодҳо ва амалиёти мубодилавии доллари ИМА бо сомонӣ аз 1 то n;

ҲҚ1, ҲҚ 2,..., ҲҚ n - ҳаҷми қарордоҳо ва амалиёти мубодилавии доллари ИМА бо сомонӣ аз 1 то n.

Дар сурати мавҷуд набудани чунин қарордодҳои хариду фурӯш ва амалиёти мубодилавӣ дар бозори дохилии асъор, қурби расмии доллари ИМА нисбат ба сомонӣ барои рӯзи оянда баробар ба қурби расмии он дар рӯзи ҷорӣ (имрӯз) муайян карда мешавад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳолатҳои истисноӣ метавонад бо қарори гурӯҳи кории байниидоравӣ қурби миёнавазни ҳисобкардашудаи доллари ИМА-ро то ба ±1,5 фоиз тасҳеҳ намояд. Дар чунин ҳолатҳо, Бонки миллии Тоҷикистон асосҳои тасҳеҳро дар пайнавишти ҷаласаи гурӯҳи корӣ қайд намуда, онро дар сомонаи расмии худ ҷойгир менамояд;

б) қурби расмии асъори хориҷии дигари дар замимаи 1 зикршуда тибқи қоидаҳои муайяннамоии қурби мутақобила (кросс-қурб) бо истифода аз таносуби қурби расмии доллари ИМА нисбат ба сомонӣ, ки дар асоси зербанди а) банди 6 Дастурамали мазкур муайян карда мешавад ва қурби расмии доллари ИМА нисбат ба ин асъори хориҷӣ, ки аз ҷониби бонки марказӣ (миллӣ)-и онҳо дар ҳамин рӯз муқаррар карда шудааст ё дар асоси қурби мубодилавии доллари ИМА нисбат ба ин асъори хориҷӣ дар бозорҳои асъории ҷаҳонӣ бо истифода аз шабакаи интернет ҳисоб карда мешавад;

в) қурби расмии асъори хориҷӣ бо ададе ифода карда мешавад, ки то шаш рақами эътиборнок дорад ва аз онҳо чор рақами пас аз аломати вергул оянда даҳякӣ аз воҳиданд.

Агар қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба сомонӣ барои як воҳиди асъори

хориҷӣ баробар ба сад сомонӣ ё зиёда аз он бошад, ифодаи рақамии қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба сомонӣ метавонад зиёда аз шаш рақамро дар бар гирад, вале аз онҳо чор рақами пас аз аломати вергул бояд даҳякӣ аз воҳид бошад.

7. Дар рӯзи истироҳат ва рӯзҳои иди ғайрикорӣ қурби расмие амал мекунад, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар охирин рӯзи кории пеш аз чунин рӯзи истироҳат ва рӯзҳои иди ғайрикорӣ муайян ва эълон намуда, расман дар сомонаи худ ҷойгир кардааст.

8. Агар дар рӯзи истироҳат ё рӯзи иди ғайрикорӣ бо фармони раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар Бонки миллии Тоҷикистон рӯзи корӣ эълон карда шавад, пас дар ин рӯзҳо низ қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба сомонӣ муайян ва эълон карда мешавад.

9. Қурби расмии асъори хориҷие, ки номгӯи онҳо дар замимаи 2 ба Дастурамали мазкур оварда шудааст, дар як моҳ як маротиба, дар рӯзи якуми кории моҳ тибқи қоидаи дар зербанди б) банди 6 Дастурамал нишондодашуда ҳисоб карда мешавад. Чунин қурби расмӣ аз рӯзи якуми кории моҳ то эътибор пайдо кардани қурби расмии ин асъорҳо нисбат ба пули миллӣ барои моҳи минбаъда амал мекунад.

10. Қурби расмии ҳуқуқи махсуси қарзгирӣ нисбат ба сомонӣ тибқи қоидаҳои муайяннамоии қурби мутақобила («кросс-қурб») ҳамарӯза дар рӯзҳои корӣ барои рӯзи гузашта бо истифода аз таносуби қурби расмии доллари ИМА нисбат ба сомонӣ дар рӯзи гузашта ва арзиши охирини ҳуқуқи махсуси қарзгирӣ нисбат ба доллари ИМА, ки Хазинаи Байналмилалии Асъор муқаррар кардааст, ҳисоб карда мешавад. Агар рӯзи корӣ баъди рӯзи истироҳат ё рӯзи иди ғайрикорӣ бошад, пас қурби ҳуқуқи махсуси қарзгирӣ барои рӯзи охирини корӣ ва рӯзи истироҳат ё рӯзи иди ғайрикорӣ муайян карда мешавад.

11. Дар ҳолати барҳам хӯрдани яке аз асъорҳои дар замимаҳои 1 ва 2 Дастурамали мазкур овардашуда, қурби он минбаъд муайян ва эълон карда намешавад.

Дар ҳолати иваз шудани яке аз асъорҳои дар замимаҳои 1 ва 2 Дастурамали мазкур овардашуда аз ҷониби давлатҳои эмитенти онҳо ба асъори нав, минбаъд қурби расмии асъори нав муайян ва эълон карда мешавад.

## 3. ПЕШНИҲОДИ МАЪЛУМОТ АЗ ҶОНИБИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ МОЛИЯВӢ

12. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар асоси «Феҳрасти ҳисоботи оморӣ ва дигар ҳисоботҳое, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ, субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд», ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, ӯҳдадоранд:

а) бо мақсади ҳисоб кардани қурби расмӣ оид ба ҳаҷм ва қурби миёнавазни қарордодҳои харид ва фурӯши доллари ИМА ва рубли русӣ бо сомонӣ, ки аз соати

8:00 то соати 16:00 рӯзи ҷорӣ дар бозори байнибонкӣ (байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бо Бонки миллии Тоҷикистон) бо шарти ҳисоббаробаркунӣ дар давоми 2 рӯзи корӣ бастаанд ва оид ба ҳаҷм ва қурби миёнавазни амалиёти мубодилавии доллари ИМА ва рубли русӣ бо сомонӣ дар бозори дохилибонкӣ (байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва муштариёни онҳо тариқи ғайринақдӣ) анҷом додаанд, худи ҳамон рӯз то соати 16:30 тавассути воситаҳои алоқаи электронӣ, дар шакли тибқи замимаи 3 ба Дастурамали мазкур муайяншуда ба Бонки миллии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд;

б) бо мақсади таҳияи маводи оморӣ ва таҳлилӣ оид ба ҳаҷм ва қурби миёнавазни қарордодҳои харид ва фурӯши асъори хориҷӣ дар бозори байнибонкӣ (байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бо Бонки миллии Тоҷикистон), бозори дохилибонкӣ (байни ташкилоти қарзии молиявӣ ва муштариёни онҳо тариқи ғайринақдӣ) ва бозори нақд (амалиёти мубодилаи асъори хориҷии нақд бо аҳолӣ дар филиалҳо ва дигар воҳидҳои сохтории онҳо) ва ивази як асъори хориҷӣ бо асъори хориҷии дигар дар бозори байнибонкии дохилӣ ва байналмилалӣ, ки рӯзи гузашта анҷом дода шудаанд, тавассути воситаҳои алоқаи электронӣ дар шакли тибқи замимаи 4 ба Дастурамали мазкур ба Бонки миллии Тоҷикистон маълумот пешниҳод намоянд.

13. Барои носаҳеҳ пешниҳод кардан ё саривақт пешниҳод накардани маълумоти дар банди 12 Дастурамали мазкур муқарраршуда нисбат ба ташкилоти қарзии молиявӣ чораҳои таъсиррасонии бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинишуда татбиқ карда мешаванд.

## 4. ЭЪЛОН КАРДАНИ МАЪЛУМОТ ОИД БА ҚУРБИ РАСМӢ

14. Воҳиди сохтории ваколатдори Бонки миллии Тоҷикистон пас аз тасдиқи қурбнома онро худи ҳамон рӯз дар сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон дар шабакаи интернет ҷойгир менамояд.

15. Мӯҳлати эътибори қурбҳои расмӣ дар қурбномаҳо тибқи қоидаҳои муқаррарнамудаи Дастурамал нишон дода мешавад.

16. Шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ ва мақомоти давлатӣ, ки барои онҳо маълумоти қурби расмии асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ - сомонӣ лозим мешавад, метавонанд маълумотро аз сомонаи расмии Бонки миллии Тоҷикистон дастрас намоянд.

Замимаи 1
ба Дастурамали №__ дар бораи тартиби
муайян ва эълон кардани қурби расмии
асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ

# ФЕҲРАСТИ

асъори хориҷие, ки қурби расмии онҳо нисбат ба сомонӣ аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон ҳар рӯз муайян карда мешавад

| № | рамз | эмитент | асъор |
|---|---|---|---|
| 1 | 840 | ИМА | доллар |
| 2 | 978 | Иттиҳоди Аврупо | евро |
| 3 | 960 | ХБА | ҲМҚ (SDR) |
| 4 | 156 | Чин | юан |
| 5 | 756 | Швейтсария | франк |
| 6 | 810 | Русия | рубл |
| 7 | 860 | Ӯзбекистон | сӯм |
| 8 | 417 | Қирғизистон | сом |
| 9 | 398 | Қазоқистон | тенге |
| 10 | 933 | Беларус | рубл |
| 11 | 364 | Эрон | риёл |
| 12 | 971 | Афғонистон | афғонӣ |
| 13 | 586 | Покистон | рупия |
| 14 | 949 | Туркия | лира |
| 15 | 934 | Туркманистон | манат |
| 16 | 826 | Англия | фунт стерлинг |
| 17 | 036 | Австралия | доллар |
| 18 | 208 | Дания | крона |
| 19 | 352 | Исландия | крона |
| 20 | 124 | Канада | доллар |
| 21 | 414 | Кувайт | динор |
| 22 | 578 | Норвегия | крона |
| 23 | 702 | Сингапур | доллар |
| 24 | 752 | Шветсия | крона |
| 25 | 392 | Ҷопон | йена |
| 26 | 944 | Озарбойҷон | манат |
| 27 | 051 | Арманистон | драм |
| 28 | 981 | Гурҷистон | лари |
| 29 | 498 | Молдова | лей |
| 30 | 980 | Украина | гривна |
| 31 | 784 | АМА | дирҳам |
| 32 | 682 | Арабистони Саудӣ | риёл |
| 33 | 356 | Ҳиндустон | рупия |
| 34 | 985 | Лаҳистон | злотий |
| 35 | 458 | Малайзия | ринггит |
| 36 | 764 | Таиланд | бат |
| 37 | 410 | Кореяи Ҷанубӣ | вона |

Замимаи 2
ба Дастурамали №__ дар бораи тартиби
муайян ва эълон кардани қурби расмии
асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ

# ФЕҲРАСТИ

асъори хориҷие, ки қурби расмии онҳо нисбат ба сомонӣ аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон моҳе як маротиба муайян карда мешавад

| № | рамз | кишвар | асъор |
|---|---|---|---|
| 1 | 012 | Алҷазоир | динор |
| 2 | 032 | Аргентина | песо |
| 3 | 975 | Булғория | лев |
| 4 | 348 | Маҷористон | форинт |
| 5 | 704 | Ветнам | донг |
| 6 | 344 | Ҳонконг | доллар |
| 7 | 376 | Исроил | шекел |
| 8 | 360 | Индонезия | рупия |
| 9 | 400 | Урдун | динор |
| 10 | 818 | Миср | фунт |
| 11 | 422 | Лубнон | фунт |
| 12 | 484 | Мексика | песо |
| 13 | 496 | Муғулистон | тугрик |
| 14 | 524 | Непал | рупия |
| 15 | 566 | Нигерия | найра |
| 16 | 554 | Зеландияи Нав | доллар |
| 17 | 946 | Руминия | леев |
| 18 | 901 | Тайван | доллар |
| 19 | 788 | Тунис | динор |
| 20 | 203 | Чехия | крон |
| 21 | 152 | Чили | песо |
| 22 | 941 | Сербия | динор |
| 23 | 710 | Африқои Ҷанубӣ | рэнд |
| 24 | 368 | Ироқ | динор |
| 25 | 760 | Сурия | фунт |
| 26 | 170 | Колумбия | песо |
| 27 | 608 | Филиппин | песо |
| 28 | 446 | Макао | патака |

Замимаи 3
ба Дастурамали №__ дар бораи тартиби
муайян ва эълон кардани қурби расмии
асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ

Маълумот
оид ба ҳаҷм ва қурби миёнавазни қарордодҳои хариду фурӯш ва амалиёти мубодилавии доллари ИМА ва рубли русӣ бо сомонӣ дар бозори дохилии асъор
(аз соати 8:00 то соати 16:00 санаи «__» «_______» соли 20___)

(Номи ташкилоти қарзии молиявӣ)

Бо воҳиди асъори хориҷӣ

| Харид | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Қисмати бозори асъор** | | **доллари ИМА** | | **рубли русӣ** | |
| | | **маблағ** | **қурби миёнавазн** | **маблағ** | **қурби миёнавазн** |
| ***Дар бозори дохилии асъор, ҳамагӣ (а+б)*** | | | | | |
| а) | байни ТҚМ, аз ҷумла бо БМТ | | | | |
| **б)** | дар дохили ТҚМ (бо муштариён) | | | | |
| **Фурӯш** | | | | | |
| **Қисмати бозори асъор** | | **доллари ИМА** | | **рубли русӣ** | |
| | | **маблағ** | **қурби миёнавазн** | **маблағ** | **қурби миёнавазн** |
| ***Дар бозори дохилии асъор, ҳамагӣ (а+б)*** | | | | | |
| а) | байни ТҚМ, аз ҷумла бо БМТ | | | | |
| **б)** | дар дохили ТҚМ (бо муштариён) | | | | |

Роҳбар:

Сармуҳосиб:

Иҷрокунанда:
Тел:

Замимаи 4
ба Дастурамали №__ дар бораи тартиби
муайян ва эълон кардани қурби расмии
асъори хориҷӣ нисбат ба пули миллӣ

# Маълумот
# оид ба ҳаҷм ва қурби миёнавазни қарордодҳои хариду фурӯш ва амалиёти мубодилавии асъор дар бозори дохилӣ ва байналмилалии асъор
# (санаи «__» «_______» соли 20___)

(Номи ташкилоти қарзии молиявӣ)

Бо воҳиди асъори хориҷӣ

| Харид | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Қисмати бозори асъор** | | **доллари ИМА** | | **рубли русӣ** | | **евро** | | **дигар** | |
| | | **маблағ** | **қурби миёнавазн** | **маблағ** | **қурби миёнавазн** | **маблағ** | **қурби миёнавазн** | **маблағ** | **қурби миёнавазн** |
| ***Дар бозори дохилии асъор, ҳамагӣ (а+б)*** | | | | | | | | | |
| а) | байни ТҚМ, аз ҷумла бо БМТ | | | | | | | | |
| **б)** | дар дохили ТҚМ (бо муштариён) | | | | | | | | |
| **в)** | амалиёти мубодилавӣ бо асъори нақд | | | | | | | | |
| **Фурӯш** | | | | | | | | | |
| **Қисмати бозори асъор** | | **доллари ИМА** | | **рубли русӣ** | | **евро** | | **дигар** | |
| | | **маблағ** | **қурби миёнавазн** | **маблағ** | **қурби миёнавазн** | **маблағ** | **қурби миёнавазн** | **маблағ** | **қурби миёнавазн** |
| ***Дар бозори дохилии асъор, ҳамагӣ (а+б)*** | | | | | | | | | |
| а) | байни ТҚМ, аз ҷумла бо БМТ | | | | | | | | |
| **б)** | дар дохили ТҚМ (бо муштариён) | | | | | | | | |
| **в)** | амалиёти мубодилавӣ бо асъори нақд | | | | | | | | |

## Хариду фурӯш дар бозори байналмилалии асъор

| Ташкилоти қарзии хориҷӣ | харид | | фурӯш | | кросс-қурб |
|---|---|---|---|---|---|
| | маблағ | асъор | маблағ | асъор | |
| | | | | | |
| | | | | | |

Роҳбар:

Сармуҳосиб:

Иҷрокунанда:
Тел: